ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба Раҳимов Ромиз Рамазонович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст.

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимов Ромиз Рамазонович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии равандҳои асосии қарздиҳии ипотекии манзилиро дар бар мегирад. Рушди қарздиҳии ипотекии манзили дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ҳамчун асоси дастрасӣ ба манзил барои аҳолӣ, истифода ва рушди заминаи ашьеи захиравии соҳаи саноати сохтмон ва дигар соҳахои алоқаманд ва умуман рушти устувори иқтисоди миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои моҳият ва зарурияти қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар иқтисодиёт, аҳамияти қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар иқтисодиёти давраи гузариш баррасӣ гардида, инчунин таҷрибаи рушд ва танзими бозори қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар баъзе мамлакатҳои хориҷӣ, таҳлили вазъи кунунии бозори қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар низоми бонкии ватанӣ гузаронида шудааст; манбаъҳои маблағгузории қарздиҳии ипотекии манзилӣ муайян карда, хавфҳои асосии қарздиҳии ипотекии манзилӣ муайян карда шуда роҳҳои паст кардани онҳо, тадбирҳо оид ба такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди қарздиҳии ипотекии манзилӣ пешниҳод карда шудаанд; барои баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатии бозори қарздиҳии ипотекии манзилӣ

мустақилона аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда, мазмуни пурраи таҳқиқоти илмиро форогир мебошад. Дурнамои рушди қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шудааст.

2. Диссертация тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи милии Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст, инчунин дар ҷаласаи васеъи шурои олимони факултети молиявию иқтисодӣ муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Қарздиҳии ипотекии манзилӣ унсури муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад, ки ба ҳалли масъалаи мубрам – таъмини аҳолӣ бо манзили хусусӣ равона карда шудааст. Рушди қарздиҳии ипотекии манзилӣ ба ташаккули иқтисодиёти рақобатпазир, устуворӣ ва навкунонии он, паст кардани ҷараёнҳои таваррум ва шиддатнокии иҷтимоии ҷамъиятӣ дар натиҷаи баланд гардидани нархи манзил барои қисми зиёди аҳолӣ, ҳавасмандсозии сохтмони манзилӣ ва соҳаҳои бо он алоқаманди иқтисодиёт, устуворкунии вазъи бахшҳои молия ва бонкӣ, инчунин фаъолсозии ҷараёнҳои инвеститсионӣ дар бозори сармоя, мусоидат мекунад.

Масъалаи муҳими иҷтимоӣ, ки барои ҳалли он қарздиҳии ипотекии манзилӣ кӯмак мекунад, бо манзили дастрас таъмин кардани қисми

зиёди аҳолии мамлакат ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз мансубият ба гурӯҳи иҷтимоӣ, беҳтар намудани шароити манзил ва ба даст овардани манзил – яке аз талаботҳои асосии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Функсияи иҷтимоии ипотека ба мустаҳкам намудани устувории иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа равона карда шудааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз, ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 5,6 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

6. Дар диссертатсияи Раҳимов Р.Р. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҳимов Р.Р. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи

аспирант чоп нагардидааанд, мавҷуд нест.

8. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳимов Ромиз Рамазонович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пули ва қарз ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

- Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Бобоев Нозимчон Мансурович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва андози МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

2. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Шарипов Б.М.**

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Обидов Ф.С.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Султонов З.С.**

29.12.22